# ТАСНИФИ ЗАХИРАҲОИ ИТТИЛООТИИ ИНТЕРНЕТ

**Таснифи манбаҳои иттилоотӣ**. Таснифи манбаҳои иттилоотӣ дар Интернетро аз рӯйи омилҳои гуногун гузаронидан мумкин аст.



Аз рӯйи *тарзҳои пешниҳодкунии* иттилоот: сомонаҳои торнигор, серверҳои файлӣ, телеконфронсҳо.

Аз рӯйи *аломатҳои забонӣ*. Иттилоот дар шабакаи Интернет амалан тавассути аксарияти забонҳои олам пешниҳод гардидааст. Лекин ба сифати забони оммавӣ аз рӯйи анъанаҳои мавҷуда забони англисӣ қабул гардидааст. Сомонаҳои таъиноти умумӣ иттилоотро бо якчанд забонҳо пешниҳод менамоянд, ки яке аз ин забонҳо забони англисӣ мебошад.

Аз рӯйи *аломати минтақавӣ*. Қисми зиёди сомонаҳо иттилоотро барои истеъмолкунандагони минтақаи муайян пешниҳод менамоянд, ҳарчанд дастрасӣ ба ин сомонаҳо аз нуқтаҳои мухталифи олам имконпазир бошад.

Аз нуқтаи назари истеъмолкунандагон кулли иттилооти дар Интернет мавҷудбударо дар бозори телекоммуникатсионии иттилоот тасниф додан мумкин аст.

**Бозори телекоммуникатсионии иттилоот.**

Бозори телекоммуникатсионии иттилоот ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад:

- **иттилооти корӣ.** Иттилооти дар раванди фаъолияти корӣ тадбиқшавандаро иттилооти корӣ мегӯянд. Ба монанди иттилооти музоядавӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, оморӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, навигариҳои сиёсӣ ва тамоюли рушди ояндаи фаъолияти корӣ ва ғайра, ки дар раванди фаъолияти кории мутахассисон баҳрабардорӣ мешавад;

- **иттилооти ҳуқуқӣ**. Ба иттилооти ҳуқуқӣ указҳо, фармонҳо, қонунҳо, қарорҳо, дастурамалҳо ва санадҳои маъмурӣ дохил

мешаванд;

– **иттилооти илмӣ**. Иттилооти илмию техникӣ, маълумотномаҳои (физика, техника, информатика ва ғайра) фаннӣ, иттилооти махсус оиди соҳаҳои мухталифи илм, китобдорӣ ва иттилооти маърузавӣ, инчунин маводҳои электронӣ барои мутахассисони соҳавӣ пешбинӣ мегарданд;

– **иттилоот барои истифодаи омма**. Дар раванди корӣ ва фароғат инсон ба иттилооти таъиноти умум эҳтиёҷ дорад, ки онро тавассути ахбори оммавӣ дастрас менамояд. Ба чунин навъи иттилоот ахбори иқтисодию иҷтимоӣ, маданию фароғатӣ, навигариҳои варзиш, маълумот оиди вазъи боду ҳаво, тури барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ, ҷадвали ҳаракати нақлиёт, иттилоот оиди ҷойбандкуниҳо дар меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, осоишгоҳҳо ва ғайра шомил мешаванд;

– **бозори харидуфурӯши электронӣ.** Бозори харидуфупӯши электронӣ хизматрасониҳои бонкӣ, амалиёти байни бонкҳо, биржаҳои электронӣ, музояда ва савдо, ҷойбандкуниҳои чиптаҳо ва хизматрасониҳои сайёҳӣ ва фармоиши маҳсулотҳо ва хизматрасониҳоро пешниҳод менамояд.

***Бозори хизматрасониҳои электронӣ.*** Бозори хизматрасониҳои электронӣ, пешниҳодкунии хизматрасониҳоро аз қабили бо кор таъминкунӣ, омӯзиш, машварат, ҷустуҷӯи иттилоот дар шабакаҳои саросарӣ ва ҳисоббаробаркуниҳоро фаро мегирад.

***Бозори иртиботи шабакавӣ*** дар намуди почтаи электронӣ, телеконфронсҳо, тахтаҳои электронии эълонҳо ва хизматрасониҳои провайдерӣ, амал мекунад.

***Бозори таъмииноти нармафзорҳо*** дар шакли таъминоти нармафзорҳои системавӣ, ташкили низоми иттилоотӣ, нармафзорҳо барои коргузорӣ, нармафзорҳои низомҳои тиббӣ, нармафзорҳои омӯзишӣ ва бозиҳои компютерӣ, фаъолият менамояд.

Ҷабҳаи нисбатан муҳими таснифи захираҳои иттилоотӣ дар шабакаи Интернет ин *иттилоот аз рӯйи мазмун* ва *низоми*

*иттилоотӣ* ба ҳисоб меравад.

***Иттилоот аз рӯйи мазмун*** гуфта иттилооти кориро мегӯянд, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешавад ва аз ҳамин хотир ҳам ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешавад:

– *маълумот оиди ширкатҳо ва ташкилотҳо*. Ба гурӯҳи мазкур се намуди серверҳо хизматрасонӣ менамоянд: серверҳои намойишҳо дар Интернет (таблиғот ва маълумот); серверҳои иттилоотӣ ва мағозаҳои фаъол;

– *маълумот оиди ҳолати иқтисодиёти ҷаҳон ва иқтисодиёти мамлакатҳои алоҳида*. Чунин иттилоот ба таври ниҳоят васеъ дар пойгоҳи ширкатҳои бузурги иттилоотию аналитикии ҷаҳонӣ пешниҳод мегардад. Серверҳои ин ширкатҳо ба ҳайати захираҳои иттилоотии Интернет дохид мешаванд. Дар бисёр мавридҳо ҳамчун қоида иттилоот пулакӣ пешниҳод мешавад;

– *маълумот оиди ҳолати бозорҳои соҳавӣ*. Таҳлили бозорҳои соҳавӣ тавассути ширкатҳои махсусгардонидашудаи маркетингӣ ва молиявӣ, инчунин бо ёрии хадамотҳои маркетингии ширкатҳо ва ташкилотҳо гузаронида мешавад. Натиҷаи ин таҳлилҳоро дар Интернет тавассути пойгоҳи азими касбии ширкатҳои иттилоотии ҷаҳонӣ истифода намудан мумкин аст. Чунин натиҷаҳоро дар маҷаллаҳои касбии соҳавӣ пайдо намудан мумкин аст;

– *маълумотҳои корӣ*. Қисми аз ҳад зиёди ширкатҳои чаҳонии иттилоотӣ ба истеъмолкунандагон дастрасиро дар пойгоҳои касбии маълумотҳои корӣ пешниҳод менамоянд. Аз ширкатҳои калонтарини иттилоотии ҷаҳонӣ, ки ба пешниҳодкунии маълумотҳои корӣ зиёдтар машғуланд LEXIS-NEXIS, Dialog, Reuters, BBC, CCN-ро қайд кардан мумкин аст. Ширкатҳои фаъоли иттилоотии кишвар “Ховар”-ро қайд намудан мумкин аст. Аз ширкатҳои русӣ бошад ба пешниҳодкунии иттилооти корӣ «Интегрум-Техно», РИА «Новости», ИТАР-ТАСС, «Интерфакс» машғуланд ва ба ҳайати гурӯҳи байналмилалии иттилоотии Interfax Information Services дохил мешаванд.

Қисми зиёди рӯзномаҳои иттилоотӣ дар Интернет шакли электронии рӯзномаҳояшонро нашр мекунаанд. Дастрасӣ ба як қисми чунин рӯзномаҳои электронӣ ройгон буда, барои гирифтани иттилоот аз дигар рӯзномаҳо бошад пулакӣ аст.

***Маълумот.*** Маълумот дар шабакаи Интернет ба таври ниҳоят васеъ пешниҳод гардидаанд. Ба он рӯйихати сомонаҳои торнигори ширкатҳо аз рӯйи қоидаи муайян, маълумотномаҳои телефонҳои шаҳрҳо ва ғайра дохил мешаванд. Инчунин дар Интернет иттилоот оиди тури ҳаракати қаторахо, хатсайри наклиёти ҳавоӣ, боду ҳаво, сайёҳату меҳмонпазироӣ ва ғайра хеле зиёд мавҷуд аст.



Дар низоми иттилоотии Интернет имкониятҳои хоси таҳлил ва мақомбандии иттилоотӣ дар сомонаҳо ҷойгирбуда мавҷуд аст. Бо шарофати ин имконият дар шабакаи саросарӣ микдори зиёди барномаҳои худкор мавҷуданд, ки нуфузи сомонаҳои зиёд хондашавандаро мақомбандӣ менамоянд. Тасниф ва мақомбандии иттилоот аз рӯйи нуфузашон дар соҳаҳои алоҳида ба корбарон дастрасӣ ва кафолатро ба иттилооти боэътимодро таъмин мекунад.



**Саволҳо:**

1. Таснифи манбаҳои иттилоотӣ дар Интернетро аз рӯйи кадом омилҳо гузаронида мешавад?
2. Бозори телекоммуникатсионии иттилоот аз кадом ҷузъҳо иборат аст?
3. Бозори хизматрасониҳои электронӣ кадом аст?
4. Мақомбандии иттилоот дар шабака чӣ гуна иҷро мешавад?
5. Иттилооти корӣ чист?

## ТАСНИФИ ЗАХИРАҲОИ САЙЁҲӢ ДАР ИНТЕРНЕТ




***Аз рӯйи мансубияташон ба низоми тиҷорати электронӣ.*** Захираҳои

Интернетро ба зинаҳои зерин ҷудо мекунанд:

1. ***Сафҳаи хонагӣ дар Интернет***. Аксарияти захираи иттилоотии ширкатҳои сайёҳӣ дар сафҳаҳои хонагиашон ҷойгиранд. Дар сафҳаҳои хонагӣ иттилоот оиди ширкат, намудҳои асосии хизматрасониҳо, доираи фарогирии фаъолият, рақамҳои телефони тамос, суроғаи почтаи электронӣ, суроға дар шабакаҳои итҷтимоӣ ва ғайра ҷойгир карда мешаванд. Баъзан чунин захираҳоро бо воситаи ҳамоҳангсозӣ тавассути иртиботи мутақобила ва пуркунии дархостҳо ба истеъмолкунандагон дастрас менамоянд. Ин захираҳо ба низомҳои "тиҷорати электронӣ" шомил намешаванд, лекин ҳангоми интихоби дуруст дар мошинаҳои ҷустуҷӯӣ, бақайдгирӣ дар мақомбандиҳо ва ҷузвдонҳо, гузаронидани таблиғот дар Интернет мусоидат менамоянд, ки иттилоот оиди ширкат ба доираи васеъи истеъмолкунандагон паҳн мегардад ва мувофиқан метавонад ба ҳаҷми савдои ширкат таъсир гузорад.

2. ***Ҷузвдонҳои электронӣ*** имконият медиҳанд, ки бо ёрии шаклҳои махсусгардонидашудаи ҷустуҷӯ, ҳамаи иттилооти матлуб дар бораи хизматрасониҳои зарурӣ дастрас шаванд. Чунин захираҳо, ҳамчун қоида дар пойгоҳи додаҳои дохилӣ ё берунии ширкат ҷуойгир карда шуда ба низомҳои нақлиётӣ ё низомҳои ҷойбандкуниҳо пайваст мешаванд.

3. ***Анбори электронӣ*** ба корбарон имконият медиҳад, ки ҷустуҷӯро дар пойгоҳи додаҳои ширкат амалӣ кунанд. Инчунин ба намудҳои гуногуни хизматрасониҳо дар давраҳои муайян фармоиш ирсол намоянд. Дар давраи муайяни фармоиш бояд фурӯшанда ва харидор дар реҷаи off-line оиди тарзҳои пардохт ва дастраскунии махсулот ва хизматрасониҳо ба мувофиқа биёянд.

4. ***Мағозаи электронӣ*** имконият медиҳад, ки "маҳсулоти мавқуфгузошташуда" бевосита бо ёрии низоми махсус пардохт карда шавад. Зарурати кофтукови суроға ва саргардонии



иловагии ҷонибҳо аз миён бардошта мешавад.

5. ***Мағозаи электронии даври пурра.*** Корбарон мағозаи электронии даври пурраро дар дастраскунӣ ва пардохт намудани хизматрасониҳо истифода мегардад. Ин система имконият медиҳад, ки корбар аз назди компютер дур нарафта ҳамаи санадҳои заруриро дастрас намояд.

6. ***Мағозаи электронии мувофиқгардонидашудаи даври пурра***. Ин низом дар мавриде истифода мегардад, ки дар як фармоиш маҷмӯи хизматрасониҳои ба ҳам алоқамандро харидори намудан лозим бошад. Дар сайёҳат ва ҷаҳонгардиҳо якбора ҷойбандкуниҳои ҳаракати нақлиётҳо, ҷойгиршаваӣ дар истироҳатгоҳҳо, ташрифи тарабҳонаву театрҳо ва ғайра мувофиқ мебошад.

**Саволҳо:**

1. Сафҳаи хонагӣ дар Интернет кадоманд?
2. Ҷузвдонҳои электронӣ чӣ вазифа доранд?
3. Анбори электронӣ чист?
4. Мағозаи электронӣ чист?
5. Мағозаи электронии даври пурра чӣ гуна фаъолият мекунад?
6. Мағозаи электронии мувофиқгардонидашудаи даври пурра чӣ тавр фаъолият мекунад?